# Фалсафаи Эрони бостон

**Таълимоти Зардуштия.** Зардуштия яке аз таълимотҳои куҳанбунёди Эрони қадим ба ҳисоб меравад. Азосгузори он Зартушти Испитамон аст. Таълимоти зардуштия дуалистӣ буда, қувваи некӣ -Аҳуромаздо бо қувваи бадӣ - Аҳриман ҳамеша дар муборизаи доимӣ қарор дорад. Аҳриман душмани асосии Аҳурамаздо ва олами ӯ мебошад. Аҳриман вайронкунанда ва пеш аз ҳама нобудкунандаи шуури мардум буда, нобуд кардани он бошад, ба заволи ҷомеа оварда мерасонад.

Таълимоти Зардушт яке аз аввалин таълимотҳое буд, ки масъулияти шахсии рӯҳро барои иҷрои аъмоли худ дар зиндагии дунявӣ баён намуд. Зардушт биҳиштро «вуҷуди беҳтарин» ва дӯзахро «вуҷуди бадтарин» ном мебарад. Биҳишт дорои се дараҷа аст: Пиндори нек, кирдори нек ва гуфтори нек. Дузах низ се дараҷа дорад: Пиндори бад, кирдори бад ва гуфтори бад.

Покии ахлоқ ва инкишофи шахсӣ на танҳо ба рӯҳ хос аст, балки хоси ҷисм ҳам мебошад. Некӯкирдорӣ дар риояи тозагии ҷисм, аз байнбарии ҳаромӣ ва бурдани тарзи ҳаёти солим ифода меёбад.

**Монавия**. Монавия таълимоти дуалистӣ оиди муборизаи рушноӣ ва зулмат, бадӣ ва некӣ мебошад.

Аз баски Монӣ худро пайғамбари охирин ва асосӣ аз байни пайғамбарони Худои хайр мешуморад (то ӯ пайамбарон Иброҳим, Мусо, Зардушт, Иссо, Буддо буданд) кӯшиш намуд, ки таълимотҳои асосии онҳоро якҷо намояд ва ҷойгузини онҳо шавад. Бинобар ин аз тарафи ҳамаи онҳо мавриди таъқиб қарор гирифт, махсусан аз тарафи рӯҳониёни зардуштӣ ба таъқиб гирифтор шуда, оқибат аз дасти онҳо ба қатл мерасад.

**Маздакия.** Маздакия — таълимоти динӣ фалсафӣ мебошад, ки дар Эрон паҳн гардида буд. Бо номи Маздак, писари Бомдод – роҳбари ҳаракати маздакия, номгузорӣ шудааст. Мабдаи асосии таълимоти Маздакия ин аст, ки дар бунёди раванди олам мубориза байни ибдои рушноиву хайр, ки оқилона ва муназзам амал мекунанд ва ибдои торикӣ ва бадӣ, ки бетартибӣ ва тасодуфро намояндагӣ мекунанд, ниҳода шудааст. Ин мубориза ҳатман дар ин олам бо пирӯзии хайр бар шар ба охир мерасад. Ақоиди маздакия оиди зарурати ёрии ҳамдигарӣ, оиди баробарии

моликият ва ғ. дар минтақаҳои Эрон ва империяи Рим васеъ паҳн гардиданд.